# ҲИСОБОТИ
## Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КОА) фаъолияти худро тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2015, № 1197 «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, № 531 «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2013, № 1004 «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2010, № 593 «Дар бораи экспертизаи илмӣ ва илмӣ-техникӣ», фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ», «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» аз 26 ноябри соли 2016, №505, дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дастуру супоришҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нақшаи фаъолияти КОА дар соли 2018, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ба роҳ монда, дар соли 2018 дар самти аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-омӯзгории тахассуси олӣ корҳои зеринро иҷро намудааст:

1. **Таъсиси шӯроҳои диссертатсионӣ.** То санаи 20 декабри соли ҷорӣ барои таъсис додани шӯроҳои диссертатсионӣ аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ ба КОА ҳамагӣ 134 дархост ворид гардида, 82-тои онҳо, ки ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ набуданд, қонеъ гардонида нашудааст ва 3 дархости муассисаҳо дар омӯзиши шуъбаҳои аттестатсионии КОА қарор доранд.

Алҳол аз 49 шӯрои диссертатсионии дар ҷумҳурӣ таъсисдодашуда 44-тоаш фаъолият дошта, тақрибан аз рӯйи зиёда аз 150 ихтисос диссертатсияҳои номзадиву докториро ба ҳимоя қабул карда метавонанд. Бинобар сабаби роҳ додан ба камбудиҳои ҷиддӣ ва дағалона вайрон кардани баъзе талаботи Низомномаи намунавии шӯрои диссертатсионӣ фаъолияти 2 шӯрои диссертатсионӣ қатъ ва 3 шӯрои диссертатсионии ватанӣ боз дошта шудааст. (нигаред ба ҷадвали 1).

Инчунин, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олии ҷумҳурӣ барои ҳимояи он диссертатсияҳое, ки аз рӯйи ихтисосҳои онҳо дар ҷумҳурӣ шӯроҳои диссертатсионӣ таъсис дода нашудаанд, барои дар заминаи ин ё он шӯрои диссертатсионии амалкунанда гузаронидани ҳимояҳои якдафъаина 12 дархост ворид намудаанд. Шуъбаҳои аттестатсионии КОА дархостҳои муассисаҳоро оид ба ташкили ҳимояҳои якдафъаина дақиқан омӯхта, таҳлил намуда, 10-тои онҳоро қонеъ гардонидаанд, ки ба ихтисосҳои сохтмон – 1, гидрология – 1, физика – 2, тиб – 5 ва биология – 1 тааллуқ доранд.

Мушаххасан дар давраи ҳисоботӣ (соли 2018) бошад, барои таъсиси шӯроҳои диссертатсионӣ аз муассисаҳо ба КОА 32 дархост ворид гардида, 16-тои онҳо қонеъ ва 13-тоашон рад карда шуда, 3 дархост дар ҳолати баррасӣ қарор дорад.

Ҷадвали 1 – Таҳлили омории КОА оид ба ШД аз ибтидо то 20.12.18

| **Шӯрои диссертатсионӣ** | **КОА** | **Шуъбаҳои аттестатсионӣ** | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҷамъиятӣ-гуманитарӣ | Табиӣ-риёзӣ ва техникӣ | Тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ |
| Дархост ворид шуд | **134** | 79 | 25 | 30 |
| Рад карда шуд | **82** | 51 | 11 | 20 |
| Дар баррасӣ | **3** | 2 | 0 | 1 |
| Амал мекунад | **44** | 26 | 12 | 9 |
| Боздошта шуд | **5** | 3 | 2 | 0 |

Аз ин теъдод 6 дархост ба самти илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникӣ дахл дорад, ки аз онҳо 4 дархост қонеъ гардонида шуда, 2 дархост рад карда шудааст. Шӯроҳои дар ин самт таъсисшуда инҳоянд:

1. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-037 дар назди Институти математикаи ба номи А. Ҷӯраеви Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D060100 – Математика.
2. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-039 дар назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D072400 – Мошинҳо ва таҷҳизоти технологӣ (тибқи соҳаҳо), 6D072700 – Технологияи маҳсулоти хӯрокворӣ (аз рӯйи соҳаҳои корбурд) ва 6D073300 – Технология ва тарроҳии маводи нассоҷӣ.
3. Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-039 дар назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи

ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D061000 – Гидрология, 6D074400 – Сохтмон ва иншооти гидротехникӣ, 6D073100 – Бехатарии фаъолияти ҳаётӣ ва ҳифзи муҳити зист, 6D072300 – Физикаи техникӣ ва 6D060800 – Экология.

4. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-047 дар назди Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D061400 – Геология ва 6D070600 – Геология ва кашфи конҳои канданиҳои фоиданок.

Дар самти илмҳои тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ низ дар давраи ҳисоботӣ 8 дархост оид ба таъсиси шӯроҳои диссертатсионӣ ворид гардидааст, ки аз онҳо 3 дархост қонеъ, 3 дархост рад карда шуда, 2 дархости дигар дар ҳолати омӯзиш қарор дорад. Шӯроҳои таъсисдодашудаи ин самт инҳоянд:

1. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-038 – дар назди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D110100 – Тиб (14.01.04 – Бемориҳои дарунӣ, 14.01.08 – Тибби атфол, 14.01.11 – Бемориҳои асаб).
2. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-042 – дар назди Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D110100 – Тиб (14.01.14 – Дандонпизишкӣ).
3. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048 – дар назди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D110100 – Тиб (14.01.10 – Бемориҳои пӯсту зӯҳравӣ, 14.01.02 – Эндокринология).

Дар самти илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ дар соли равон барои таъсиси шӯроҳои диссертатсионӣ 18 дархост ворид гардидааст, ки аз онҳо 9 дархост қонеъ гардонида шуда, 8 дархост рад карда шудааст ва 1 дархости дигар дар ҳолати омӯзиш қарор дорад. Дар ин самт шӯроҳои зерин таъсис дода шуданд:

1. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-033 дар назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D020500 – Филология.
2. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-036 дар назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D010300 – Педагогика ва равоншиносӣ.

3. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-035 дар назди Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D010900 – Математика, 6D011000 – Физика, 6D011100 – Информатика.
4. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-034 дар назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ.
5. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-040 дар назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D020500 – Филология таъсис дода шуданд.
6. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-036 дар назди Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D090600 – Фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ, 6D091000 – Китобдорӣ ва 6D020400 – Фарҳангшиносӣ.
7. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-044 дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D011200 – Химия, 6D011300 – Биология.
8. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-045 дар назди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D010700 – Санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ, 6D012000 – Таълими касбӣ (аз рӯйи соҳаҳо).
9. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-046 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D020300 – Таърих (07.00.10 – Таърихи илму техника).

Суръати воридоти дархостҳои муассисаҳо вобаста ба таъсисдиҳии шӯроҳои диссертатсионӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масъалаи созмондиҳии шабакаи шӯроҳои диссертатсионӣ дар ҷумҳурӣ қариб ба охир расидааст. Гуфтан мумкин аст, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии кишвар дар ин самт тамоми иқтидору имконоти мавҷудаи худро сарф намудаанд. Имрӯзҳо КОА фаъолияти худро барои такмил додани коргузорӣ ва боло бурдани сифати диссертатсияҳои ҳимояшаванда равона намудааст.

2. **Таъсиси шӯроҳои экспертӣ.** Дар самти илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникӣ то имрӯз 5 шӯрои экспертӣ таъсис дода шудааст, ки 1-тои онҳо – шӯрои экспертии самти илмҳои «Техникӣ ва технология» ба соли 2018 рост меояд. Айни ҳол шӯроҳои экспертии самти илмҳои «Химия, технологияҳои химиявӣ ва металлургия», «Техникӣ ва технология» ва «Математика, механика ва информатика» фаъол мебошанд. Ин шӯроҳо ба ғайр аз ҷаласаҳои алоҳида, боз ҷаласаҳои умумӣ гузаронида, то имрӯз 28 диссертатсияро барои додани дараҷаҳои илмӣ ба баррасии Раёсати КОА пешниҳод кардаанд. Раисони шӯроҳо академик У. Мирсаидов, академик М. Илолов, профессор М. Сафаров доимо бо шуъба дар ҳамкорӣ қарор доранд.

Дар самти илмҳои илмҳои тиббӣ, байторӣ, фармасевтӣ ва аграрӣ бошад, то имрӯз 3 шӯрои экспертӣ таъсис дода шудааст:

- Тиббӣ, тандурустӣ ва фарматсия;
- Биология ва Экология;
- Кишоварзӣ ва байторӣ;

Аз ҷониби шӯроҳои экспертии самти илмҳои тиббӣ, байторӣ, фармасевтӣ ва аграрӣ дар давоми соли сипаришуда 20 ҷаласа гузаронида шудааст, ки дар онҳо мактубҳои баҳсталаб оид ба таъсиси шӯроҳои диссертатсионӣ, лоиҳаи феҳристи ихтисосҳои илмӣ барои додани дараҷаи илмӣ, арзёбии маҷаллаҳои тақризшаванда, додани иҷозат барои ташкили шӯроҳои ҳимояи якдафъаина баррасӣ шуданд ва барои тасдиқ ба Раёсати КОА пешниҳод гардидаанд. То имрӯз асосан шӯрои экспертии самти илмҳои тиббӣ, тандурустӣ ва фарматсия хеле фаъол мебошад. Ин шӯро ба ғайр аз ҷаласаҳои алоҳида, боз 5 ҷаласаи умумӣ барои додани дараҷаҳои илмӣ гузаронидааст.

Дар самти илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ то имрӯз 7 шӯрои экспертӣ таъсис дода шудааст. Шӯроҳои экспертии самти илмҳои «Таҳсилот», самти илмҳои «Ҳуқуқшиносӣ», самти илмҳои «Таърих, мардумшиносӣ ва бостоншиносӣ», самти илмҳои «Иқтисодиёт ва соҳибкорӣ», самти илмҳои «Забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва тарҷумонӣ», самти илмҳои «Фалсафа, сотсиология ва сиёсатшиносӣ» ва самти илмҳои «Санъат ва варзиш» хеле хуб фаъолият карда истодаанд. Масалан, то имрӯз шӯроҳои экспертии илмҳои «Таҳсилот» – 4 ҷаласа, илмҳои «Ҳуқуқшиносӣ» – 7 ҷаласа, илмҳои «Забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва тарҷумонӣ» – 4 ҷаласа, илмҳои «Таърих, мардумшиносӣ ва бостоншиносӣ» – 8 ҷаласа, илмҳои «Иқтисодиёт ва соҳибкорӣ» – 7 ҷаласа, илмҳои «Фалсафа, сотсиология ва сиёсатшиносӣ» – 2 ҷаласа ва илмҳои «Санъат ва варзиш» – 1 ҷаласа гузарониданд. Масъалаи таъсиси шӯрои экспертӣ дар самти илмҳои «Ҳарбӣ ва амниятӣ» дар арафаи анҷомёбӣ мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки шӯроҳои экспертии назди КОА дар экспертиза ва баҳодиҳии диссертатсияҳо хеле серталаб ва ҷиддӣ мебошанд. Ин аст, ки аллакай 9 диссертатсия аз экспертиза нагузашт ва дархости шӯроҳои дахлдор оид ба додани дараҷаҳои илмӣ аз тарафи Раёсати КОА рад карда шуд.

**3. Ҳимояи диссертатсияҳо, дарёфти унвонҳои илмӣ, баробарарзишии ҳуҷҷатҳо.** Натиҷаҳои фаъолияти шуъбаҳои аттсетатсионии КОА, шӯроҳои диссертатсионӣ, шӯроҳои экспертӣ ва Раёсати КОА дар самтҳои ҳимояи диссертатсияҳо, дарёфти унвонҳои илмӣ, баробарарзишии (нострификатсияи) дипломҳо ва шаҳодатномаҳои илмии дар давлатҳои хориҷӣ бадастовардашуда ва аттестатсияи такрории соҳибони онҳо дар шакли ҷадвали 2 пешниҳод гардидаанд.

Ҷадвали 2 – Таҳлили омории фаъолияти КОА аз ибтидо то 20.12.18

| **Самт** | **КОА** | **Шуъбаҳои аттестатсионӣ** | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҷамъиятӣ-гуманитарӣ | | | | Табиӣ-риёзӣ ва техникӣ | | | | Тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ | | | |
| **Диссертатсияи ҳимояшуда** | **Ҳамагӣ** | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ |
| Ворид шуд | **166** | 85 | 0 | 8 | 77 | 59 | 0 | 6 | 53 | 22 | 0 | 2 | 20 |
| Тасдиқ шуд | **68** | 31 | 0 | 1 | 30 | 28 | 0 | 4 | 24 | 9 | 0 | 1 | 8 |
| Рад карда шуд | **9** | 4 | 0 | 0 | 4 | 3 | 0 | 0 | 3 | 2 | 0 | 0 | 2 |
| Дар баррасӣ | **89** | 50 | 0 | 7 | 43 | 28 | 0 | 2 | 26 | 11 | 0 | 1 | 10 |
| **Унвони илмӣ** | **Ҳамагӣ** | Ҳамагӣ | | Профессор | Дотсент | Ҳамагӣ | | Профессор | Дотсент | Ҳамагӣ | | Профессор | Дотсент |
| Пешниҳод ворид шуд | **111** | 66 | | 10 | 56 | 33 | | 5 | 28 | 12 | | 1 | 11 |
| Тасдиқ шуд | **68** | 38 | | 4 | 34 | 25 | | 2 | 23 | 5 | | 0 | 5 |
| Рад карда шуд | **12** | 7 | | 2 | 5 | 1 | | 0 | 1 | 4 | | 0 | 4 |
| Дар омӯзиш | **31** | 21 | | 4 | 17 | 7 | | 3 | 4 | 3 | | 1 | 2 |
| **Баробарарзишӣ (нострификатсия)** | **Ҳамагӣ** | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ |
| Дархост ворид шуд | **30** | 12 | 5 | 3 | 4 | 18 | 1 | 4 | 13 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Тасдиқ шуд | **27** | 9 | 3 | 2 | 4 | 18 | 1 | 4 | 13 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Рад карда шуд | **2** | 2 | 1 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Дар омӯзиш | **1** | 1 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| **Аттестатсияи такрорӣ** | **Ҳамагӣ** | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ | Ҳамагӣ | PhD | Докторӣ | Номзадӣ |
| Дархост ворид шуд | **3** | 0 | 0 | 0 | 0 | 3 | 1 | 0 | 2 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Тасдиқ шуд | **3** | 0 | 0 | 0 | 0 | 3 | 1 | 0 | 2 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Рад карда шуд | **0** | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Дар омӯзиш | **0** | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |

Тавре аз ҷадвали 2 дида мешавад, то кунун аз теъдоди диссертатсияҳои дар шӯроҳои диссертатсионии кишвар ҳимояшуда ба КОА 166 парвандаи аттестатсионӣ ворид гардидааст. Пас аз омӯзиши парвандаҳои мазкур дар шуъбаҳои аттсестатсионӣ ва арзёбии онҳо аз тарафи шӯроҳои экспертии назди КОА, дар Раёсати КОА 68 парвандаи аттестатсионӣ тасдиқ гардида, 9 парванда рад карда шудааст. Аз 68 парвандаи аттестатсионии тасдиқгардида 6 парванда ба довталабони дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ва 62 парванда ба довталабони дарёфти дараҷаи илмии номзади илм тааллуқ доранд. Аз теъдоди умумӣ 89 парванда дар омӯзиши экспертони шуъбаҳо ва шӯроҳои экспертӣ қарор доранд. Нишондодҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар самти илмҳои «Тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ» ҳимояи диссертатсияҳоро ҷоннок кардан лозим аст.

Вобаста ба дарёфти унвонҳои илмӣ бошад, то имрӯз ба КОА аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 111 дархост, яз ҷумла 16 пешниҳод барои дарёфти унвони илмии профессор, ворид шудааст, ки аз онҳо 68 пешниҳод қонеъ, 12 пешниҳод рад ва 31 пешниҳод дар ҳолати омӯзиш қарор дорад. Бояд қайд намуд, ки гарчанде дар ин самт натиҷаҳои муассисаҳо чандон назаррас набошанд ҳам, вале сифати пешниҳодҳо ва натиҷаҳои илмиву методии довталабон зина ба зина беҳтар шуда истодааст. Дар ин радиф коргузори сифатан хуби Шӯрои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро алоҳида қайд намудан бамаврид аст. Умуман, бастаи ҳамаи ҳуҷҷатҳои ба КОА воридшаванда ба як маҷрои муайян ворид шуда истодааст.

Айнан ҳамин тавр, дар самти баробарарзишии (нострификатсияи) дипломҳо ва шаҳодатномаҳои илмии дар давлатҳои хориҷӣ бадастовардашуда ва аттестатсияи такрории соҳибони онҳо низ корҳо ба як низоми муайян даромада истодааст. То кунун барои нострификатсияи ҳуҷҷатҳо ба КОА 30 дархост ворид гардида, 27 дархост, ки мутобиқи талабот мураттаб гардидааст, тасдиқ ва 2 дархост рад карда шудааст. Дар омӯзиши КОА 1 дархост қарор дорад.

Барои аз аттестатсияи такрорӣ гузаронидани соҳибони дипломҳои дараҷаҳои илмии дар давлатҳои хориҷӣ бадастовардашуда, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо дар хусуси эътирофи баробарарзишии ин гуна ҳуҷҷатҳо созишнома ба имзо нарасонидааст, ба шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникии КОА 3 дархост (PhD – 1 ва номзадӣ – 2) ворид гардидааст. Пас аз дар шӯроҳои диссертатсионии мувофиқ бомуваффақият ҳимояи такрорӣ намудани соҳибони онҳо, ба ҳамаи довталабон ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи баробарарзишӣ дода шудааст.

Умуман, фаъолияти Комиссияи олии аттестатсиониро дар тамоми самтҳои зикршуда мусбат арзёбӣ кардан мумкин аст.

**4. Коркард ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти КОА.** Лозим ба ёдоварист, ки тибқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссия то имрӯз таҳлил ва омӯзиши таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ ва вазъи соҳаро идома дода, ҷиҳати рушди минбаъдаи соҳа ва такмилу ба талабот мувофиқ намудан, инчунин мушаххассозии ҳуқуқу вазифаҳо ва ваколатҳои Комиссия дар самти аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгории тахассуси олӣ ба якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2015, № 1197 «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» тағйиру иловаҳоро барои баррасӣ ба мақомоти болоӣ манзур намуд. Мақсади таҳияи тағйиру иловаҳо ба Қонуни мазкур таҷдиди назар намудани баъзе мафҳумҳо ва бартараф намудани мухолифати баъзе меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2015, № 1197 «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Махсусан, сархати 7 моддаи 6, ки «таҳия ва тасдиқи низомнома ва оинномаи Комиссияи олии аттестатсионӣ»-ро ба зиммаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоштааст. Ҳол он ки Муассисаи давлатии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ҷумҳуриявии идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Низомномаи он бояд аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

Дар ин замина, аз ҷониби Комиссия Низомномаи КОА низ мавриди такмил қарор дода шуда, лоиҳаи Низомномаи КОА дар таҳрири нав омода гардид. Бояд таъкид кард, ки дар ҷараёни ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомнома зарурияти таҷдиди назар намудани сохтор, теъдоди кормандон ва мақоми муассиса ба миён омад. Тағйироти сохтор ва зиёд кардани теъдоди кормандон бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуд.

Таҷрибаи корӣ нишон дод, ки Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016), низ аз камбудиҳо холӣ нестанд ва КОА ба ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои илмии кишвар ҷиҳати такмилу мукаммалгардонӣ ва пешниҳод намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои зикршуда бо мактуби расмӣ муроҷиат намудааст.

Аз тарафи шуъбаҳои аттестатсионии КОА зиёда аз 150 шаҳодатномаи ихтисосҳои илмӣ таҳия шуда, бо қарори Раёсати КОА тасдиқ карда шудаанд.

**5. Фаъолияти машваратӣ-тарғиботӣ.** Дар КОА рӯзи қабули шаҳрвандон оид ба масъалаҳои марбут ба аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-омӯзгории тахассуси олӣ аз тарафи раиси комиссия, муовини раиси КОА, котиби илмӣ ва мудирони шуъбаҳои аттестатсионии КОА муқаррар карда шудааст, ки шаҳрвандон тибқи он ҳамарӯза қабул карда шуда, ба саволҳои худ ҷавобҳои мушаххас мегиранд.

Масъалаҳои фарогири фаъолияти КОА дар матбуоти даврӣ ва расонаҳои хабарии ҷумҳуриявӣ низ мавриди таҳлили амиқ қарор дода шуда, пешкаши омма гардонида шудааст. Масалан, дар рӯзномаи «Садои мардум» (№ 29 аз 6 марти соли 2018) мақолаи раиси КОА, профессор А.Ш. Розиқзода дар мавзӯи «Маблағгузории нокифоя – монеаи фаъолияти пурмаҳсул» ба нашр расид, ки он ба мушкилоти молиявии КОА ва ба кор ҷалб намудани мутахассисони баландихтисоси соҳавӣ бахшида шудааст. Ба ғайр аз ин, моҳи январи соли ҷорӣ дар барномаи «Маърифат»-и Радиои Тоҷикистон муҳовараи раиси КОА, профессор А.Ш. Розиқзода ва моҳи марти соли 2018 дар барномаи «Овози тоҷик»-и Радиои Тоҷикистон муҳовараи муовини раиси КОА, профессор Ф.С. Комилиён ба табъ расид, ки дар онҳо ба ғайр аз фаъолияти дохилии КОА инчунин робитаҳои берунии КОА ва масъалаи таъсиси шӯроҳои диссертатсионии байнидавлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ гаштанд.

**6. Интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо.** Мувофиқи ҷадвали басти вазифавии кормандон дар соли 2018 барои КОА 34 штат пешбинӣ шудааст, ки аз онҳо 25 нафар – кормандони асосӣ ва 9 нафар – ҳайати хизматрасон мебошанд.

Аз тарафи шуъбаи умумӣ дар ҳафтаномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Садои мардум» барои ишғоли вазифаҳои холӣ озмун эълон ва муҳлати қабули ҳуҷҷатҳо то 26 феврали соли 2018 муқаррар шуда буд. Мутаассифона, барои ишғоли вазифаҳои холӣ ба КОА ягон ҳуҷҷат ворид нагардид. Алҳол аз 25 штати кормандони асосӣ 19 штат пурра гардидааст ва 6 штати дигар холӣ боқӣ мондааст. Аз ин ҳисоб 3 штат ба шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникӣ, 2 штат дар шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрӣ ва 1 штат дар шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ дахл дорад. Дар КОА 12 нафар корманди дараҷаи илмидошта кор мекунанд, ки аз онҳо 3 нафарашон доктори илм ва 9 нафарашон номзади илм мебошанд.

**7. Мукотибот ва муросилот.** Дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои илмӣ, таҳсилотӣ ва ташкилоту корхонаҳо ба КОА 817 мактубу санадҳои гуногун ворид гардида, ба қайд гирифта шудааст. Аз ин теъдод 24-то аз тарафи Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар зерсохторҳои

ҳукуматӣ ворид гардидааст. Инчунин, 158 парвандаи аттестатсионӣ барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ, 94 парвандаи аттестатсионӣ барои дарёфти унвонҳои илмӣ, 17 парвандаи аттестатсионӣ барои эътироф ва баробарарзиши (нострификатсия)-и ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи дараҷа ва унвонҳои илмии дар давлатҳои хориҷӣ бадастовардашуда ва 123 парвандаи аттестатсионӣ пас аз ҳимояи диссертатсияҳо дар шӯроҳои диссертатсионӣ барои додани дараҷаҳои илмӣ ворид гардида, ба қайд гирифта шудаанд.

Аз тарафи КОА ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи ироияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаву ташкилотҳои дохил ва хориҷи кишвар 365 мактубу пешниҳодҳо ирсол гардидааст. Аз ин шумора 20 мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд.

Дар давраи ҳисоботӣ 205 фармоиш таҳия ва ба расмият дароварда шудааст, ки аз онҳо 165 фармоиш оид ба фаъолияти асосӣ ва 40 фармоиш оид ба ҳайати шахсӣ мебошад. Дар ин давра 13 ҷаласаи Раёсати КОА баргузор гардидааст, ки дар онҳо зиёда аз 125 масъала баррасӣ ва мавриди муҳокима қарор гирифта, аз рӯйи онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда шудааст. Инчунин дар давраи ҳисоботӣ 26 ҷаласаи назоратӣ дар назди раиси КОА баргузор гардида, дар онҳо масъалаҳои ҷории фаъолияти КОА муҳокима шуданд.

**Оид ба вазъи молиявӣ.** Дар соли 2018 мувофиқи «Сметаи даромад ва хароҷот барои соли 2018 ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ 1 049 601 (як миллиону чилу нуҳ ҳазору шашсаду як) сомонӣ ҷудо гардидааст. Аз ин маблағ 881 158 (ҳаштсаду ҳаштоду як ҳазору яксаду панҷоҳу ҳашт) сомонӣ барои музди меҳнати кормандон, хариди таҷҳизоти техникӣ, маводи канселярӣ, пардохтҳои коммуналӣ, алоқа, таъмири ҷорӣ ва пешбурди соҳа харҷот шудаст, ки 83,9% нақшаи солонаро ташкил медиҳад. Маблағҳои боқимондаи буҷетӣ, ки 168 443 (яксаду шасту ҳашт ҳазору чорсаду чилу се) сомониро ташкил медиҳанд, тибқи талабот ба буҷети ҷумҳуриявӣ баргардонида мешаванд.

Мувофиқи нархномаи хизматрасониҳои давлатии пулакии КОА ба суратҳисоби махсуси он 114 089 (яксаду чордаҳ ҳазору ҳаштоду нуҳ) сомонӣ ворид гардидааст, ки 89,5% ё 102 091 (яксаду ду ҳазору наваду як) сомонии он барои мустаҳкам намудани базаи моддию техникӣ, харидорӣ намудани барномаи «зиддиасардуздӣ» (антиплагиат) хароҷот шуда, маблағҳои боқимондаи суратҳисоб барои истифода ба соли 2019 гузаронида мешаванд.

**Мушкилот.** Зарур ба ёдоварист, ки дар баробари фаъолияти шӯроҳои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар ҷумҳурӣ 27 шӯроҳои диссертатсионии

комиссияҳои олии аттестатсионии Федератсияи Россия (24) ва Ҷумҳурии Қирғизистон (3) низ фаъолият карда истодаанд.

Вобаста ба фаъолияти ин шӯроҳои диссертатсионӣ бояд гуфт, ки гарчанде Комиссия баҳри иҷрои банди 4 нусха аз протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017, №2 дар бораи фаъолияти Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», иҷрои бандҳои протоколҳои маҷлисҳои машваратии назди Ёрдамчиии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа аз 06.03.2017, №12 ва аз 09.10.2017, №16/37 ва инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда фаъолияти худро ба роҳ монда бошад ҳам, мутаассифона, дар иҷрои баъзе аз бандҳои протоколҳои мазкур, ки ҳалли онҳо ба фаъолияти дигар муассисаҳо вобаста аст, мушкилӣ мекашад.

Масалан, дар зербанди 6, банди 2 қарори маҷлиси машваратии назди Шумо аз 06.03.2017, №12 омадааст, ки Комиссия бояд «ба диссертатсияҳои номзадӣ ва доктории дар хориҷи кишвар ҳимояшаванда хулоса манзур созад». Чи гуна хулоса манзур сохтан мумкин аст, ки Комиссия ақаллан доир ба диссертатсияҳои шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар шӯроҳои диссертатсионии мутааллиқ ба комиссияҳои олии аттестатсионии ФР ва Ҷумҳурии Қирғизистони дохили кишварамон ягон иттилоот надорад. Ҳол он ки тибқи зербанди 5, банди 2 қарори маҷлиси машваратии назди Шумо аз 09.10.2017, №16/37 довталабони дараҷаҳои илмие, ки диссертатсияҳои худро дар ин гуна шӯроҳои диссертатсионӣ ҳимоя мекунанд, бояд ба Комиссия ҳатман нусхаи электронии диссертатсия ва нусхаи хаттии автореферати онро дастрас намоянд.

Банди 3 қарори маҷлиси мазкур низ, ки ба ректорон ва директорони муассисаҳои таълимӣ ва илмии кишвар равона гардида, онҳоро вазифадор намудааст, ки дар баробари гирандагони нусхаи ҳатмии автореферати диссертатсияҳо ба Комиссия ҳам нусхаи иловагии онҳоро дастрас намоянд, иҷро намегардад.

Ҳоло кормандони КОА тасмим гирифтаанд, ки пойгоҳи электронии тамоми диссертатсияҳои дар шӯроҳои диссертатсионии дохили кишвар ҳимояшавандаро созмон диҳанд ва онро ҳамчун модули мустақил дар барномаи зиддиасардуздӣ (антиплагиат) истифода баранд. Баҳри ташаккул додани пойгоҳи тоҷикии диссертатсияҳо, дар модули мазкур ба диссертатсияҳои бо забони давлатӣ таҳияшаванда аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад.

Аммо, мо ҳеҷ ҳуқуқи маънавӣ надорем, ки як қисми моликияти зеҳнии кишварамонро бо ду дасти адаб ба ихтиёри муассисаҳои илмии кишварҳои дигар вогузор намоем. Моро мебояд танҳо аз мавқеъи истиқлолияти воқеии

илмию фарҳангӣ, манфиатҳои милливу давлатӣ ва тақдири ояндаи илми ватанӣ баромад намуда, пойгоҳи Комиссияи олии аттестатсионии ҷумҳуриамонро ҳаматарафа мустаҳкам намоем. Танҳо Комиссияи миллӣ метавонад пуштибони манфиатҳои миллату давлат, ҳимоятгар ва тарғибгари болоравии сатҳу сифати кадрҳои илмӣ, илмӣ-омӯзгории тахассуси олӣ ва диссертатсияҳои ҳимояшаванда бошад.

Боиси таъкид аст, ки КОА дар мавриди таъсис додани шӯроҳои нави диссертарсионӣ ба иҷрои зербанди 3, банди 9 протоколи маҷлиси назди Шумо аз 09.10.2017, №16/37, оид ба роҳ надодан ба такроршавии ихтисосҳо, аҳамияти хосса медиҳад. Мутаассифона, дар аксари ҳолатҳо тамоми кӯшишҳои Комиссия бо амалҳои нодурусти баъзе аз муассисаҳои олии таълимиву илмии кишвар ба сифр табдил ёфта, дар фаъолияти шӯроҳои диссертатсионии ватанӣ мушкилот эҷод мешавад.

Масалан, бо фармоиши Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия аз 29.11.2018, №320/нк дар назди ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров аз рӯйи ихтисосҳои 13.00.01 – «Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)» ва 13.00.02 – «Назария ва методикаи таълиму тарбия (математика, сатҳҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ (илмҳои педагогӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм бе мувофиқа бо Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шӯрои диссертатсионии муштараки Д999.221.02 таъсис дода шудааст. Ҳол он ки аз рӯйи ҳамин ихтисосҳо дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон шӯроҳои диссертатсионии ватанӣ амал карда истодааст. Пурсида мешавад, ки ин вайронкориҳо аз баҳри чист? Таъсиси шӯрои диссертатсионии мазкур ба кори 7 шӯроҳои диссертатсионии ҶТ – 6D.КОА-012, 6D.КОА-027, 6D.КОА-028, 6D.КОА-035, 6D.КОА-036, 6D.КОА-045, 6D.КОА-049 халал ворид намуд. Мо маҷбурем, ки тибқи талаботи «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ» ба ҳайати баъзеи ин шӯроҳои диссертатсионӣ тағйирот ворид кунем ё ҳатто баъзеашонро бандем.

Мисоли дигар. Гарчанде дар назди ҳам Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва ҳам Академияи таҳсилоти Тоҷикистон шӯроҳои диссертатсионӣ оид ба ихтисоси педагогика вуҷуд дошта, ҳоло амал карда истода бошанд ҳам, вале 20 феврали соли 2018 бо фармони №222/нк Вазорати илм ва таҳсилоти олии ФР боз як шӯрои диссертатсионии муштараки ин муассисаҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмии доктори илм ва номзади илм аз рӯйи ихтисосҳои 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ва 13.00.02 – Назария ва методикаи таълим ва тарбия (забони модарӣ, сатҳи таҳсилоти умумӣ ва касбӣ; забони русӣ, сатҳи таҳсилоти умумӣ ва касбӣ

(илмҳои педагогӣ) таъсис дода шудааст. Агар ба ҳайати шӯрои диссертатсионии мазкур ва мақолаҳои илмии чопнамудаи онҳо аз наздик назар афканем, мебинем, ки зиёда аз нисфи аъзои ин шӯро ба талаботи Низомномаи намунавии шӯрои диссертатсионӣ (Комиссияи ҶТ) ҷавобгӯ нест. Вале боз ҳам сухан дар боби он меравад, ки он замон КОА маҷбур шуд, ки ба ҳайати 5 шӯрои диссертатсионии ватанӣ тағйирот ворид кунад.

Имрӯз кор то ба ҷое расидааст, ки таъсиси ҳар як шӯрои нави диссертатсионии ин ҷумҳуриҳо (ФР ва ҶҚ) ба талабот нисбат ба ҳайати шахсии шӯроҳои диссертатсионии ҶТ халал эҷод намуда, моро маҷбур месозад, ки доир ба ҳайати онҳо доимо тадбирҳои иловагӣ андешем. Бисёр ҷойи таассуф аст, ки роҳбарони макотиби олии кишвар, Академияи илмҳои ҶТ (Комиссияи аттестатсионии ФР дар ҶТ) қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 ва дастуру супоришҳои хаттии Шуморо нодида мегиранд.

Тибқи Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расидааст, Комиссия дар кишвар мақоми марказии ваколатдори ҳокимияти иҷроия оид ба аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-омӯзгории тахассуси олӣ, додани дараҷаву унвонҳои илмӣ ва тасдиққунандаи баробарарзишии ҳуҷҷатҳои дар хориҷи кишвар гирифташуда эътироф гардидааст.

Комиссия ҷонибдори он аст, ки шӯроҳои диссертатсионӣ бо истифодаи мутахассисони давлатҳои дигар танҳо аз рӯйи ихтисосҳои нодире, ки мутахассисони худӣ намерасанд, таъсис дода шаванд. Ҳамчунин, дар ҳама ҳолат, мисли дигар кишварҳои пасошӯравӣ, дар таъсиси шӯроҳои диссертатсионии дохиливу байнидавлатӣ бояд Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ бо Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатман дар мувофиқа бошанд.

Албатта мавҷудияти шӯроҳои алтернативӣ бисёр зарур аст, вале шӯроҳои диссертатсионии таъсисёфта иқтидорҳои худро дуруст ва пурра роҳандозӣ карда натавониста истодаанд. Дар ҳоли ҳозир дар ҷумҳурӣ теъдоди довталабони ҳимоякунанда хеле нокифоя аст. Бинобар он, моро зарур аст, ки аз баҳри шӯроҳои ихтисосҳояшон такроршавандаи ФР  ва ҶҚ дар ҶТ бароем ва низоми аттестатсионии миллиро мустаҳкам намоем.

Бо дарназардошти мушкилоти баамаломада аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтиромона хоҳиш карда мешавад, ки ҷиҳати ҳалли масъалаҳои зикршуда, тафриқаи салоҳиятҳои мақомоти марбута дар омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгории тахассуси олӣ, аттестатсияи

кормандони илмӣ ва илмӣ-омӯзгории тахассуси олӣ ба вазорату академияҳо ва муассисаҳои дахлдор дастур фармояд, то ки онҳо ба фаъолияти муназзами КОА халал ворид нанамоянд.

Бо истифода аз фурсати муносиб сипос ва қаноатмандии хешро аз дастгирии ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соҳаи илму маориф баён дошта, омодагии хешро баҳри татбиқи ҳамаҷонибаи ин сиёсат иброз медорем.

Бо камоли эҳтиром,

Раис А. Розиқзода